

# РУШДИ САВОДНОКИИ ИТТИЛООТӢ ВА АРЗЁБИИ ИНТИҚОДИИ ИТТИЛООТ

РАҲНАМО
БАРОИ ТАҲСИЛОТ

Дастури таълимӣ
барои омӯзгорон, китобдорон
ва дигар шахсони манфиатдор

**Ин дастур (китоб) барои муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, роҳбарони синфҳо, сарварони иттиҳодияҳои методӣ, кормандони китобхонаҳо, волидон ва дигар шахсони манфиатдор пешбинӣ шудааст. Маводи ин дастур метавонад дар донишкадаҳои такмили ихтисос мавриди истифода қарор гирад.**

**Муаллифон:**
Каримова Ирина Холовна,
Норматов Шавкат Каримович,
Соҳибназарова Шаҳодат Мамадёровна,
Гулова Фариштамоҳ Ҷабборовна

**Муҳаррири масъул:**
Нуъмонов Талъат Эшонқулович

ИНСТИТУТИ «ҶАМЪИЯТИ КУШОДА»-
БУНЁДИ МАДАД ДАР ТОҶИКИСТОН

Душанбе 2021

**ББК 74.03(2тоҷик) + 74.04(2тоҷик) + 74.204 + 92Я2**
**УДК 37 тоҷик + 008 + 004 + 373.3 + 02 + 03**
**К-32**

Дастури омӯзишӣ омодагӣ ба санҷиш барои гирифтани шаҳодатнома оид ба малакаҳо дар мавзӯи «Саводнокии иттилоотӣ ва арзёбии интиқодии иттилоот»-ро дар бар мегирад.

Дар замимаи дастур рӯйхати саволҳое пешниҳод шудаанд, ки дар асоси ҳамин маводи таълимӣ рӯи кор омадаанд. Ҷавобҳои дуруст малакаҳои Шуморо баланд мебардоранд ва матолиби дастур метавонанд дар фаъолияти таълимӣ истифода шаванд.

Санҷишро тавассути сомонаи махзанҳои таълимии боз http://oer.cict.tj гузаштан мумкин аст.

**ISBN 978-99985-995-6-7**

## МУНДАРИҶА

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО**...3
**ВОЖАНОМА**...4
**Бахши 1. Иштироки муассисаҳои таҳсилотӣ дар омӯзиши саводнокӣ**...8
1.1.Саводнокии иттилоотӣ дар муассисаи таълимӣ...9
1.2. Мафҳуми саводнокии иттилоотии хонандаи мактаб...10
1.3. Ташаккули саводнокии иттилоотии хонандагон...10
**Бахши 2. Консепсияи саводнокии иттилоотӣ**...21
2.1. Мафҳуми иттилоот...22
2.2. Мафҳуми Консепсияи саводнокии итилоотӣ...24
2.3. Малакаҳои саводнокии иттилоотӣ...26
2.4. Малакаҳои ҷустуҷӯ ва интихоби иттилоот...29
**Бахши 3. Рушди тафаккури интиқодӣ**...33
3.1. Тафаккури интиқодӣ...34
3.2. Педагогикаи санҷиши далелҳо ва тафаккури интиқодӣ...37
**Бахши 4. Бехатарӣ дар Интернет**...42
4.1. Шаклҳои озору азият дар Интернет...43
4.2. Интернети бехатар...43
4.3. Кибербуллинг (Сайберозорӣ) чист?...45
4.4. Фарқиятҳои асоси озору азият дар Интернет аз озору азияти анъанавӣ...46
4.5. Ҷабрдидагони озору азиятҳо...47
4.6. Сабабҳои озору азият додан...47
4.7. Бартараф кардани кибербуллинг...54
**Бахши 5 Хулосаҳо**...55
5.1. Афзоиши шумораи корбарон дар пасманзари камшавии маҳдудиятҳои синнусолӣ...56
5.2. Тафовутҳои ҷинсӣ ва синнусолӣ...57
5.3. Фаъолиятҳои гуногун...59
5.4. Хатар (таваккал) ва зарар...60
5.5. Миёнаравӣ (медиатсия)...61
**Бахши 6. Таҳлили вазъ оид ба ҳолати кибербуллинг дар шаҳри Душанбе**...63
6.1. Ҷараёни таҳқиқот...64
**Бахши 7. Тавсияҳо**...67
7.1 Тавсияҳо барои волидон...67
**Бахши 8. Ташаккули саводнокии иттилоотии омӯзгорон дар низоми такмили ихтисос**...70
8.1. Такмили тахассуси омӯзгорон...72
8.2. Сохтори тематикии модулҳо барои davраҳои омӯзишии такомули тахассусии курсҳои такмили ихтисоси муаллимон оид ба ташаккули саводнокии иттилоотӣ...75

**Замимаи 1**.....77
Муҳтавои модулҳои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон оид ба Саводнокии Иттилоотӣ.....77
Модули 1. Захираҳои иттилоотии ҷомеа ва Саводнокии Иттилоотӣ.....77
Модули 2. Навъҳои асосии масъалаҳои иттилоотӣ-ҷустуҷӯӣ ва алгоритмҳои ҳалли онҳо.....78
Модули 3. Усулҳои коркарди таҳлилӣ-синтетикии иттилоот дар фаъолияти омӯзгор....79
Модули 4. Технологияҳои иттилоотии нав дар низоми таҳсилот (маориф).....81
Модули 5. Технологияи таҳия ва бақайдгирии натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ–методӣ ва илмӣ–тадқиқотии омӯзгорон.....82
**Замимаи 2**.....85
Саволҳои тестӣ барои дарёфти Шаҳодатнома.....85
**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**.....87
**АДАБИЁТИ ХОРИҶӢ**.....89

## РУЙХАТИ ИХТИСОРАҲОИ ҚАБУЛШУДА:

| | |
|---|---|
| **СУТ** | Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ |
| **СТ** | Саридораи таҳсилот (маориф) |
| **ХМД** | Хонаи машварати дӯстона |
| **СИ** | саводнокии иттилоотӣ |
| **ТИК** | технологияи иттилоотӣ--коммуникатсионӣ |
| **АИИ** | арзёбии интиқодии иттилоот |
| **ВМ ва И ҶТ** | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ҶТ** | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ВАО** | воситаҳои ахбори омма |
| **МТМ** | муассисаи таҳсилоти миёна |
| **МТИК** | Маркази технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ |

## ВОЖАНОМА

**Иттилоот —** (ар. اطلاعات — хабар, ахбор), информа́тсия (аз лот. informātiō — «тавзеҳот, андеша, фаҳмиш дар бораи чизе», аз лот. informare — «додани афкор, шакл, омӯхтан; фикр кардан, тасаввур кардан») — маълумот оид ба муҳити атроф, ки сатҳи номуайянии дониши инсонро кам менамояд.

**Синдроми Аспергер –** халалёбии умумии рушди зеҳниест, ки бо доштани мушкилоти ҷиддӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳамчунин бо маҷмӯи манфиатҳо ва машғулиятҳои маҳдуд, қолабӣ ва такроршавандаи инсон мушаххас мешавад. Фарқияти ин синдром аз аутизми кӯдакона (синдроми Каннер) дар он аст, ки дар умум қобилиятҳои гуфторӣ ва идрокӣ маҳфуз мемонанд. Он ғолибан ҳамчунин бо гарангии шадид (бармало) тавсиф меёбад.

**Аутизм** - навъе аз ихтилоли равонӣ аст, ки дар натиҷаи халалёбиҳои мухталиф дар мағзи сар пайдо мешавад ва бо норасоиҳои васеъ ва ошкор дар муоширант, ҳамчунин бо маҳдудият дар таомули иҷтимоӣ, шавқу рағбати кам ва амалҳои такроршаванда ифода меёбад. Аломатҳои он маъмулан аз синни сесолагӣ пайдо мешаванд.

**Боссинг** – навъи хоси моббинг аст. Дар ин ҳолат дар пушти пардаи моҷаро на каси дигар, балки худи бос-роҳбари коллектив меистад, ки мантиқан бояд баръакс мебуд ва он бояд барои сохтани фазои солим миёни коллектив мусоидат менамуд.

**Буллинг** (аз анг.-шӯрапушт, ҷанҷолӣ, муштзӯр) – ҳаросафкании равонӣ, латукӯб, озору азияти касе аз ҷониби нафари дигар.

**Верификатсия** (аз лот. verum « асил» + facere « кардан») - санҷиши асолати матлаб, муқоисаи ҳамагуна додаҳо қабл аз нашр ё дигар шаклҳои интишори он.

**Визуализатсияи иттилоот** (аз лот. visualis «диданӣ») – сохтани намунаи дидашаванда: муаррифии дидашавандаи додаҳои абстрактӣ ё иттилоотӣ, масалан, дар шакли инфографика, харитаҳои ҷуғрофӣ. Дар тадқиқоти илмӣ, рӯзноманигорӣ ва таҳлилу таҷзияи маълумоти молиявӣ ва ғ… истифода мешавад.

**Ҷабрпазирӣ** (аз калимаи лотинии victim "қурбонӣ") – хушунатро меъёр эътироф намудан аст, вақте ҷабрдида худро ба ҷабркунанда ҳамсон мебинад (падидаи равонии синдроми Стокҳолм)

**Грифинг** (griefers) - равандест, ки бозигарон ҳадафмандона дигаронро дар бозиҳои онлайнӣ таъқиб менамоянд. Мақсадашон ғолиб омадан дар бозӣ нест, танҳо дигаронро аз бурдани лаззати бозӣ маҳрум намудан аст. Онҳоро ба осонӣ метавон шинохт: онҳо

фаъолона ҳақорат мекунанд, қисматҳои ҷудогонаи бозиро масдуд менамоянд, ошкоро ҳангоми бозӣ қаллобӣ мекунанд ва ҳамчунин метавонанд равишҳои бештар хатарноки таъсиррасониро нисбат ба бозингарон истифода баранд (масалан, бо ғунҷонидани панели махсус чашмакзанандаи як объекти мутаҳаррик, ки боиси ташаннуҷи бемории саръи бозигарон мешавад).

**Дезинформатсия** - иттилооти амалан ғалат паҳншуда аст. Онро бо мисинформатсия иштибоҳ нагиред. Дар ин ҳолат паҳнкунандагони иттилоот медонанд, ки ин иттилоот дуруғ аст.

**Тадқиқот –** маҷмӯи чорабиниҳо оид ба ҷамъоварии муназзам, коркард ва таҳлили маълумот аст.

**Кибермоббинг** – истилоҳест, ки аз забони англисӣ омадааст (англ. cybermobbing), ҳамчунин Интернет-моббинг (Intenet-mobbing), кибербуллинг (cyberbullying), ки зери ин мафҳумҳо тавҳини мақсаднок, таҳдид, таҳқир ва маълумоти бадномкунанда тавассути воситаҳои замонавии иртиботот, маъмулан, дар замони тӯлонии давомдор фаҳмида мешавад.

**Тафаккури интиқодӣ –** таҳлили ақлонӣ ва айнии далелҳост.

**Кибербуллинг** (cyberbullying) – озору азияти сайберӣ - зарари ҳадафмандона ва такроршавандаест, ки бо истифода аз фанновариҳои Интернетӣ, роёнаҳо, гаҷетҳо ва дигар таҷҳизоту дастгоҳҳои электронӣ ба шахс расонда мешавад.

**Салоҳиятнокӣ (шоистагӣ) –** (аз лот. competens -ба маънии мутобиқ, муносиб, тавонманд, бодониш)-сифати инсонест, ки аз дониши ҳамаҷониба васеъи соҳае бархурдор аст ва аз ин рӯ фикру андешаааш муҳим ва муътабар аст.

**Салоҳият –** маҷмӯи сифатҳои заминавии бо ҳам алоқаманди шахсият аст, ки аз истифодаи донишҳо, маҳорату малакаҳо дар фаъолияти истеҳсолии босифат зоҳир мегардад.

**Манипулятсия** (аз франс. — manipulation) ибтидои пайдоишаш аз вожаи лотинии - manus («даст») ва pleo («пур кардан») – ба маънии идоракунии хонанда (истифодабарандаи муҳтаво) тариқи таҳрифи далелҳо ва сохтану пешбурди иттилооти «манфиатбахш» аст.

**Саводнокии расонаӣ –** қобилияти таҳлил ва арзёбии намудҳо ва жанрҳои гуногуни расонаҳо бо мақсади дарёфт кардани таблиғот, дасткорӣ, сензура ва дигар намудҳои таҳрифоти иттилоотӣ мебошад.

**Миёнаравӣ** (аз лотинӣ mediare - «миёнаравӣ кардан» ва англ. mediation - «миёнаравӣ»; гирифта шудааст, яъне ба истилоҳи лотинии «mediare» маънои иловагӣ зам карда шудааст.) Миёнаравӣ, кӯмаки ҷониби сеюм дар ҳалли мусолиматомези баҳсҳо, бештар дар муносибатҳои байналмилалӣ.

**Паёмрасонҳо** - аз забони англисӣ «message» - «иттилоия», барномае, ки барои иртибот тавассути Интернет сохта шудааст.

**Андеша** - нуқтаи назар, ҳукмест, ки на ҳамеша ба далелҳо асос меёбад. Бо далел омехта нашавад.

**Моббинг** (аз забони англисӣ mob - издиҳом) - як шакли зӯроварии равонӣ дар шакли зӯроварӣ аз ҷониби гурӯҳе нисбат ба як узви он аст. Ҷинояткорони ин амалҳои авбошона, ки аксар вақт онҳоро «Булҳо» ё «Моббер҃о» меноманд, беном амал мекунанд, аз ин рӯ ҷабрдида намедонад, ки ҳуҷум аз ҷониби кӣ сурат мегирад.

**Мавзӯи тафтиши фактҳо** он аст, ки далелсанҷон тафтиш мекунанд. Инҳо изҳороти сиёсатмадорон, мансабдорон ё дигар шахсиятҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки дорои далелҳо, маълумот ва рақамҳо мебошанд. Он изҳоротест, ки ба нақшаҳо марбутанд, яъне дар асл ваъда медиҳанд, ки дар соҳа чизеро тағйир медиҳанд.

**Презентатсия** (аз лот. Praesentatio - «пешниҳод намудан») – рӯнамоӣ, муаррифӣ-тарзи махсуси омодашуда ё раванди пешниҳоди маълумот дар бораи падида, лоиҳа, хидматрасонӣ, маҳсулот ва ғ.

**Секстинг** (sexting) - раванди фиристодан ё нашри акс ва маводи видеоии дорои одамони бараҳна ва нимбараҳна. Кӯдакон ҳар қадар калонсолтар бошанд, ба эҳтимоли зиёд ба секстинг бештар ҷалб мешаванд. Баъзан паёмҳо ҳамчун як ҷузъи муносибатҳои маҳрамона фиристода мешаванд, дар ҳолатҳои дигар онҳо ҳадафи авбошӣ ва зарарро дунболагирӣ мекунанд, масалан, аксҳои маҳрамонаи шарики собиқро дар Интернет ҳамчун интиқом аз ҷудошавии дарднок қаламдод менамоянд. Гирифтани ин навъи хабар метавонад боиси нигаронии шадиди кӯдак гардад.

**Шабакаи иҷтимоӣ** - сомона ё барномаи компютерист, ки ба корбарон имкон медиҳад, иттилоотро тавассути компютер ё телефони мобилӣ ба иштирок гузоранд ё мубодила намоянд (Луғати Кембрич) . Намунаҳо: Facebook, Instagram, YouTube, TikToк, Tinder, Reddit, Twitter, Pinterest. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар паҳн кардани хабарҳои қалбакӣ дар баробари паёмрасонҳои фаврӣ нақши асосӣ доранд.

**Троллинг** (сайбертролҳо) - ҳолатҳое, ки таҷовузгарони Интернетӣ дар сомонаҳо, саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳатто саҳифаҳои ёдбуд бахшида ба фавтидаҳо маълумоти манфӣ ва ташвишовар нашр мекунанд.

**Далел** - як воқеаи ҳақиқӣ, падидаест, ки мавҷудияти он бо истифода аз манбаъҳои боз тасдиқ карда мешавад. Дар хабарҳои ҷаълӣ (қалбакӣ) аксар вақт далелро бо ақида омехта мекунанд

**Фактчекинг** (англисӣ fact-check) - тарҷумаи таҳтуллафзиаш далелсанҷӣ аст. Бо истифода аз усулҳои санҷиши далелҳо, изҳороти шахсони ҷамъиятӣ, изҳороти таъсиргузор дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасони фаврӣ дар шакли матн, акс ва видео тафтиш карда мешаванд.

**Фейк** – хабарҳо, далелҳо, додаҳо ва маълумоти барқасдона таҳрифшуда. Ҳам матнҳои фейкӣ (қалбакӣ), ҳам видео ва ҳам фейкҳои садоӣ вуҷуд доранд.

**Хабарҳои қалбакӣ** (Fake news) калимаи соли 2017 аз рӯи луғати Коллинз). Вай инчунин маънои зеринро пешниҳод мекунад: иттилооти бардурӯғ, ки аксар вақт ҳангома доранд ва зери ниқоби журналистикаи хабарӣ паҳн карда мешаванд. Муҳокимаи васеъ дар бораи хабарҳои қалбакӣ ва оқибатҳои он дар давоми интихоботи президентии соли 2016 дар ИМА сурат гирифт.

**Ҳарассмент** (аз забони англисӣ. Harassment - фишор овардан, таҳқир кардан,таъқиб кардан) - таъқиб, рафтори ношоиста бо ангезаҳои ҷинсӣ.

**Ҳайтинг** (аз англисӣ hate - нафрат кардан) - шарҳу паёмҳои манфӣ, танқиди ғайримантиқии як шахс ё падидаи мушаххас, аксар вақт бидуни исботи мавқеи худ.